# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар дар мавзуи «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela Thunb. ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Ҳамаи ташкилотҳои кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи интродуксия намудани растаниҳои зебогулкунанда диққати махсус медиҳанд. Ин ба он вобаста аст, ки нақши эстетикии майдонҳои сабз нисбат ба нақши санитарӣ-гигиенӣ баландтар аст. Аксари мутахассисон мехоҳанд, ки ин ду омилро ба ҳам пайванданд, то ки объектҳои босамари кабудизорро ба вуҷуд оранд, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир бошад. Тадбирҳои мазкур бо назардошти он ки меъмории шаҳрҳо ва шаҳракҳои ҷумҳурӣ бо ин роҳ беҳтар карда мешаванд, татбиқ мешаванд.

Ҳудуди шаҳри Душанберо (боғҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳо ва ғайра) ба назар гирифта, қайд менамоем, ки гуногунии намудҳои дарахтон якхела аст. Аз ин рӯ, бо назардошти истифодаи ҳамаи намудҳои растаниҳои зебогулкунанда дар кабудизоркунии шаҳрҳо ва шаҳракҳои ҷумҳурӣ, чунин рӯйхат пешниҳод карда мешавад: каталпа, ёси ҳиндӣ, садбаргҳо ва растаниҳои яксолаи алафӣ (катарантус, тагетис, салвия ва бисёр дигарон), аммо ба ин рӯйхат буттаҳои зебогулкунандаи навъи вайгела ва буттаҳои изғичи печон ба монанди навъи клематис дохил намешавад.

Мақсади таҳқиқоти муаллиф омӯзиши хусусиятҳои биологии намудҳои авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. дар шароити шаҳри Душанбе ва пешниҳод кардани роҳҳои истифодаи онҳо дар кабудизоркунӣ мебошад. Дар асоси омӯхтани хусусиятҳои биологии растаниҳои ороишӣ, буттаҳои гули зебо дошта ва дараҷаи мутобиқ шудани онҳо ба муҳити нав ба муваффақияти интродуксия баҳо дода барои кабудизоркунии ш. Душанбе тавсия намудан мебошад.

Муалллифи рисола Назирзода Рамазон бори аввал, дар муҳити шаҳри Душанбе омӯзиши ҳамаҷонибаи намудҳои ояндадори авлоди Weigela Thunb ва Clematis L. гузаронида технологияи парвариши онҳоро пешниҳод намудааст. Дар рисола ҳолати таксономии объектҳои интихобшуда муайян карда шудааст. Дар асоси омӯзиши амалӣ муаллиф даврахои мавсими вегетатсия, давомнокии фенофазаҳои асосӣ ва дарозии давраҳои вегетатсия муайян намудааст.

Инчунин аз ҷониби муаллиф чараёни рушд инкишоф ва сохти анатомии дастгоҳи ассимилятсионии намудҳои авлоди Вейгелаҳо омӯхта шудааст. Муаллиф усулҳои асосӣ ва ояндадори афзоишёбии объектҳои таҳқиқот муқаррар карда барои истеҳсолот пешниҳод намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда, ба муваффақияти интродуксия дар муҳити шаҳр баҳои пурра дода шуд. Тадбирҳои агротехникӣ доир ба парвариш ва тадбиқи намудҳои омӯхташуда дар амал коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Диссертатсия Назирзода Рамазон Сафар аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисми асосии таҳқиқот, муҳокимаи натичаҳои таҳқиқот ва хулоса иборат аст. Кор аз 4 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Рисола аз 161 саҳифаи матни компютерӣ, 18 ҷадвал, 44 сурат, 13 расм иборат аст. Рӯйхати адабиёт аз 199 номгӯй, аз ҷумла 7 –то бо забони хориҷӣ ва 5 –кояш манбаи электронӣ аст.

Дар хулоса қайд карданиам, ки диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар аз рӯи зарурати омӯзиши мавзӯъ, навгониҳои илмӣ, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби сарфароз гардонидан ба дараҷаҳои илмӣ аз 30-юми июни соли 2021 №267 ҷавобгӯ буда новобаста ба хатогиҳои илмӣ ва техникӣ, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06. 01.**01.** – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Профессори кафедраи ботаникаи
Донишгоҳи давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои биологӣ
(аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

Б. [signature] Бобораҷабов Б.

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121. Телефон: +992(37)
224-13-83. WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj.

20. 06. 2023

Имзои доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи ботаника
Бобораҷабов Б.-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсус

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Мустафозода А.